# أسماء الله الحسنى

# Номҳои накӯи Аллоҳ

المترجم

شهاب الدين بن صالح

**Тарҷумон**

**Шаҳобиддин Солиҳ**

بسم الله الرحمن الرحيم

Бисмилоҳир Раҳмонир Раҳим

Сипосу ситоиш барои Аллоҳ аст ва салоту салом бар Расулуллоҳ нозил бод:

Ин китоб шомили таърифи мухтасар оид ба маъноҳои номҳои накӯи Аллоҳ бо зикри он чизе ки бар он Қуръон ё Суннат далолат мекунад, мебошад. Ва хонанда имконият дорад, ки барои тафсили бештар дар мавзӯи номҳои накӯ аз баркоде, ки дар паҳлуи исм аст, истифода барад, ки он ӯро мубошаратан ба мавқеъ мерасонад, ё ба зиёрати мавқеи номҳои накӯи Аллоҳ марҳамат намояд.

www.allahsnames.net

Гурӯҳи илмӣ.




## Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Исми Аллоҳ аст, ки бар маълуҳу маъбуд (парастидашуда будани) ӯ далолат мекунад. Ӯро халоиқ аз рӯи муҳаббат, таъзим ва фурӯтанӣ мепарастанд ва дар баровардани ҳоҷатҳо ва мушкилотҳо ба сӯи Ӯ рӯй меоранд. Ва он исми ҷомеъ барои маъноҳои номҳои накӯи Аллоҳ мебошад.

Дар Қуръон (2724) бор омадааст.

Далел: ﴿ إِنَّنِيٓ أَنَا ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعۡبُدۡنِي وَأَقِمِ ٱلصَّلَوٰةَ لِذِكۡرِيٓ ١٤ ﴾ طه: ١٤

"Яқинан Ман (Аллоҳ) ҳастам, ҳеҷ маъбуде (ба ҳақ) ҷуз Ман нест, пас Маро парастиш кун ва намозро барои ёди Ман барпо дор". (Сураи Тоҳо: ояти: 14)




## ар-Раб ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Офаридгор, молик, идоракунанда, ҳамаи халқашро ба неъматҳояш тарбиякунанда аст. Ва дӯстонашро ба он чизе ки дилҳои ононро ислоҳ мекунад, тарбия менамояд. Ва равона кардани номи раб бар ғайри Аллоҳ таъоло ҷоиз намебошад, магар ба таври музоф, монанди раббулусрати (соҳиби оила).

Дар Қуръон (900) бор омадааст.

Далел: ﴿ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴾ الفاتحة: ٢

"Сипосу ситоиш барои Аллоҳ , ки парвардигори оламиён аст ". [Фотиҳа: 1]




## ал-Воҳид, ал-Аҳад ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Яктое, ки ҳамеша ягона аст ва ҳамроҳи Ӯ касе намебошад, дар зоташ, сифатҳояш, амалҳояш ва парвардигорию илоҳияташ ягона аст, ба ягонагияш шоистаи ибодат мебошад.

Номи ал-Воҳид (22) бор, аммо номи ал-Аҳад як бор омада аст.

Далел: ﴿ وَهُوَ ٱلْوَٰحِدُ ٱلْقَهَّٰرُ ﴾ الرعد: ١٦ "Ва Ӯ ягонаи ғолиб аст. " [Сураи Раъд: 16].

﴿ قُلْ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ﴾ الإخلاص: ١ " Бигӯ Ӯ Аллоҳи ягона аст. [ Сураи Ихлос: 1]




## ар-Раҳмон, ар-Раҳим ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ҳар ду исм бар раҳмате, ки шомили ҳамаи махлуқот аст, ба эҷоду мадади онҳо далолат мекунанд ва бар раҳмати хоссе, ки дарбаргирандаи муъминон дар дунё ва охират аст, далолат мекунанд.

Исми ар-Раҳмон (57) бор, аммо исми ар-Раҳим (123) бор омадааст.

Далел: ﴿ ٱلرَّحۡمَٰنُ ١ عَلَّمَ ٱلۡقُرۡءَانَ ﴾ الرحمن: ١ – ٢ "(Аллоҳи) Раҳмон, Қуръонро таълим дод". [Сураи Раҳмон: 1-2]

﴿إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ﴾ المزمل: ٢٠ "Ҳамоно Аллоҳ омурзандаву меҳрубон аст". [Сураи Музаммил: 20]



## ал- Ҳайю ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зиндае, ки намемирад ва ҳаёти Ӯ субҳонаҳу комилтарин ҳаёт аст, ҳамаи сифатҳои камолро лозим мегирад ва зидди онро аз ҳамаи ваҷҳҳо нафй мекунад ва камоли ҳаёти Ӯ лозим мегирад, ки Ӯро ғанаб ва хоб намигирад.

Дар Қуръон (5) бор омадааст.

Далел: ﴿ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡحَيُّ ٱلۡقَيُّومُ ﴾ البقرة: ٢٥٥ "Аллоҳ (маъбуди барҳақ аст) ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ҷуз Ӯ нест". [Сураи Бақара:255]




## ал-Қайюм ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки ба нафси худ қоим аст, пас ба касе эҳтиёҷ надорад ва ҳамаи чиз ба Ӯ қоим аст, пас ҳамаи чиз ба ҷуз Ӯ ба сӯи Ӯ ба зоташ муҳтоҷ аст.

Дар Қуръон (3) бор омадааст.

Далел: ﴿ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡحَيُّ ٱلۡقَيُّومُ ﴾ البقرة: ٢٥٥ "Аллоҳ (маъбуди барҳақ аст) ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ҷуз Ӯ нест". (Сураи Бақара: 255).




## ал-Аввал, ал-Охир ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Аввале ки пеш аз Ӯ чизе нест ва ҳамаи чиз ба ҷуз Ӯ пайдо шудан баъде, ки вуҷуд надоштанд. Ва Охире боқие, ки барои вуҷуди Ӯ охир нест ва баъд аз Ӯ чизе нест.

Ҳар ду исм дар Қуръони карим як бор омадааст.

Далел: ﴿هُوَ ٱلۡأَوَّلُ وَٱلۡأٓخِرُ وَٱلظَّٰهِرُ وَٱلۡبَاطِنُۖ وَهُوَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٌ ٣﴾ الحديد: ٣ "Ӯ аввал ва охир ва зоҳир ва ботин аст ва Ӯ бар ҳар чиз доно аст". (Сураи Ҳадид, ояти: 3)




## аз-Зоҳир, ал-Ботин ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоҳир бар ҳамаи чиз ва олӣ бар болои ҳамаи чиз, пас чизе аз Ӯ олитар нест ва Ботин наздиктар ба ҳамаи чизҳо ба иттилои Ӯ бар розҳо, пӯшидаҳо ва чизҳои дақиқ, пас таҳти Ӯ чизе нест.

Ҳар ду исм дар Қуръони карим як бор омадааст.

Далел: ﴿هُوَ ٱلۡأَوَّلُ وَٱلۡأٓخِرُ وَٱلظَّٰهِرُ وَٱلۡبَاطِنُۖ وَهُوَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٌ ٣﴾ الحديد: ٣ "Ӯ аввал ва охир ва зоҳир ва ботин аст ва Ӯ бар ҳар чиз доно аст". (Сураи Ҳадид, ояти: 3)




## ал-Ворис ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Боқӣ баъди фонӣ шудани халқ ва бозпасгирандаи моликиятҳо ва меросҳои онон пас аз маргашон ва ҳамеша Аллоҳ боқӣ, молики ҳамаи ашё аст, ба касе хоҳад мерос медиҳад ва дар он касеро дӯст дорад, халифа мегардонад.

Дар Қуръон се бор омадааст.

Далел: ﴿ وَإِنَّا لَنَحْنُ نُحْيِۦ وَنُمِيتُ وَنَحْنُ ٱلْوَٰرِثُونَ ﴾ الحجر: ٢٣ "Ва яқинан Моем, ки зинда мекунем ва мемиронем ва Мо вориси (ҳамаи ҷаҳониён) ҳастем". (Сураи Ҳиҷр, ояти: 23)




## ал-Қуддус  ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Аз ҳамаи айб, аз ҳамаи бадию нуқсон поку муназзаҳ аст, зеро Ӯ ба сифатҳои ҷалолу камол васфшуда аст.

Ду бор дар Қуръони карим омадааст.

Далел: الجمعة: ١ ﴿ ٱلۡمَلِكِ ٱلۡقُدُّوسِ ٱلۡعَزِيزِ ٱلۡحَكِيمِ ﴾ "Фармонраво, пок, пирӯзманду ҳаким аст". (Сураи Ҷумъа, ояти: 1)




## Ас-Суббуҳ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Аз нуқсонҳову шарик ва ҳар он чизе ки ба илоҳият лоиқ нест, пок аст. Ӯро халоиқ тасбеҳ мегӯянд ва бузург мешуморанд ва аз ҳар бадӣ Ӯро пок медонанд, аз рӯи камол ва ҷамоли номҳо ва сифатҳояш.

Дар Қуръони карим наомадааст ва дар Суннат омадааст.

Далел: Дар зикрҳои рукӯъ ва саҷдаҳо: "Суббуҳун қуддусун раббул малоикати вар Руҳ". (Ривояти Муслим).




## Ас-Салом ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки аз айбҳо ва нуқсонҳо барои камоли Ӯ ва камоли сифатҳо ва феълҳояш саломат аст ва Ӯ зотест, ки ба ягонагияш халоиқро дар амн қарор медиҳад ва ононро саломат нигаҳ медорад.

Дар Қуръон як бор омадааст.

Далел: ﴿ٱلۡمَلِكُ ٱلۡقُدُّوسُ ٱلسَّلَٰمُ﴾ الحشر: ٢٣ "Подшоҳ, ниҳоят пок, муназзаҳ (ва солим аз ҳар айб)". (Сураи Ҳашр, ояти: 23)




## ал-Мӯъмин ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки худашро ба далелҳои ягонагияш ва расулонаш ва пайравони ононро тасдиқ мекунад ва Ӯ зотест, ки бандагонашро аз зулмаш эмин нигаҳ медорад ва бандагони мӯъминашро ба аҳкоме, ки барои онон содир мекунад, эминӣ мебахшад ва ба он чизе ки дар дилҳояшон аз оромию унс меёбанд ва тарсе, ки ононро фаро мегирад, дӯр месозад, ҳаргоҳ ба Ӯ рӯй оранд дар дунё ва низ дар рӯзи тарси бузург.

Як бор дар Қуръон омадааст.

Далел: ﴿ ٱلْقُدُّوسُ ٱلسَّلَٰمُ ٱلْمُؤْمِنُ ٱلْمُهَيْمِنُ ٱلْعَزِيزُ ٱلْجَبَّارُ ٱلْمُتَكَبِّرُ ﴾ الحشر: ٢٣

"Ниҳоят пок, муназзаҳ (ва солим аз ҳар айб) эминидиҳанда, нигаҳбон, пирӯзманд, ҷаббор (ҷубронкунанда) ва ҳоистаи азамат ва бузургӣ аст". (Сураи Ҳашр, ояти:23)




## ал-Ҳаққ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки ҳастию вуҷуди Ӯ яқин аст, ба ҳақ парастидашуда, Парвардигор, подшоҳе, ки дар Ӯ шак нест, дар феълҳову сифатҳояш комил аст, пас сухани Ӯ, ҳукму қазои Ӯ ва ваъдаву шариати Ӯ ҳақ аст.

Дар Қуръон даҳ бор омадааст.

Далел: ﴿ فَتَعَٰلَى ٱللَّهُ ٱلۡمَلِكُ ٱلۡحَقُّۗ ﴾ طه: ١١٤ "Пас баландмартаба аст Аллоҳе, ки фармонравои ҳақ аст". (Сураи Тоҳо, ояти: 114)




## ал-Мутакаббир ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Бузургу боазамат, олитару бартар аз сифатҳои халқаш, ғолибу пирӯз бар золимони онҳо ва ба ин исм ҷуз Ӯ субҳонаҳу ва таъоло касеро мадҳу ситоиш карда намешавад.

Як бор дар Қуръон омадааст.

Далел: ﴿ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡجَبَّارُ ٱلۡمُتَكَبِّرُۚ سُبۡحَٰنَ ٱللَّهِ عَمَّا يُشۡرِكُونَ﴾ الحشر: ٢٣

"Пирӯзманд, Ҷаббор (ҷубронкунанда) ва шоистаи азамат ва бузургӣ аст. Аллоҳ пок аст аз он чи (барои Ӯ) шарик меоваранд". (Сураи Ҳашр, ояти: 23)




## ал-Азим ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ҷамъоранда барои сифатҳои азамату ҷалол ва кибриёӣ. Ӯ дар Зот, номҳо ва сифатҳояш азим аст. Пас ягон махлуқ шоиста нест, ки таъзим карда шавад, ҳамонгуна ки Ӯ субҳонаҳу ба қалбу забон ва аъзои бадан таъзим карда мешавад.

Дар Қуръон нуҳ бор омадааст.

Далел: ﴿وَسِعَ كُرۡسِيُّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۖ وَلَا يَـُٔودُهُۥ حِفۡظُهُمَاۚ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ﴾ البقرة "Ва нигаҳдории он ду (замину осмон) бар Ӯ душвор наояд ва Ӯ баландмартаба ва бузург аст". (Сураи Бақара, ояти: 255)




## ал-Кабир ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ба ҷалол ва шаъни бузург васфшуда, дар зот, сифатҳо ва афъолаш бузург аст, ки касе аз Ӯ бузургтар нест.

Дар Қуръон шаш бор омадааст.

Далел: ﴿ عَٰلِمُ ٱلۡغَيۡبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ ٱلۡكَبِيرُ ٱلۡمُتَعَالِ ﴾ الرعد: ٩ "(Ӯ) донои ғайб ва ошкор, бузургу баландмартаба аст". (Сураи Раъд, ояти: 9)




## ал-Алӣ, ал-Аъло, ал-Мутаъол ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки барои Ӯ аз ҳамаи ваҷҳҳо дар зот, қадр, сифатҳо, пирӯзмандӣ ва ғалаба баландмартабагии мутлақ (комил) аст ва Ӯ бар халқаш олӣ аст ва ҳамаи чиз дар зери қаҳру султонии Ӯ мебошад.

Исми ал-Алӣ ҳашт бор, аммо исми ал-Аъло ду бор ва исми ал-Мутаъол як бор омадааст.

Далел: ﴿وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ﴾ البقرة: ٢٥٥ "Ва Ӯ баландмартаба ва бузург аст". (Сураи Бақара, ояти: 255)

﴿سَبِّحِ ٱسۡمَ رَبِّكَ ٱلۡأَعۡلَى﴾ الأعلى: ١ "Номи Парвардигори баландмартабаатро ба покӣ ёд кун". (Сураи Аъло, ояти: 1)

﴿عَٰلِمُ ٱلۡغَيۡبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ ٱلۡكَبِيرُ ٱلۡمُتَعَالِ﴾ الرعد: ٩ "(Ӯ) донои ғайб ва ошкор, бузургу баландмартаба аст". (Сураи Раъд, ояти: 9)




## ал-Латиф ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки илми Ӯ амрҳои дақиқро фаро гирифта аст ва Зоте, ки раҳмат ва хайрашро ба бандагонаш ба роҳҳои махфӣ мерасонад.

Дар Қуръон ҳафт бор омадааст.

Далел: ﴿وَهُوَ ٱللَّطِيفُ ٱلۡخَبِيرُ﴾ الأنعام: ١٠٣ "Ва Ӯ борикбину огоҳ аст". (Сураи Анъом, ояти: 103)




## ал-Ҳаким ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ҳамон Зоте, ки барои Ӯ дар тақдираш, шариаташ ва ҷазои Ӯ дар рӯзи қиёмат ҳикмати олӣ аст. (Ҳамон) касе, ки ҳар чиро ба некӯтарин (ваҷҳ) офарид, пас чизеро беҳуда наофарида аст ва шариат нагузошта ва ҳукм накардааст, магар ба чизе ки ки дар он ҳикмат аст.

Дар Қуръон (91) бор омадааст.

Далел: ﴿وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ﴾ الجمعة: ٣ "Ва Ӯ пирӯзманду ҳаким аст". (Сураи Ҷумъа, ояти: 3)




## ал-Восиъ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки ҳамаи чизро ба раҳмат ва илм фаро гирифтааст ва ризқи Ӯ ҳамаи халқашро фаро гирифтааст, ягон кас санои Ӯро баҷо оварда наметавонад.

Дар Қуръон нуҳ бор омадааст.

Далел: ﴿ إِنَّ ٱللَّهَ وَٰسِعٌ عَلِيمٌ ﴾ البقرة: ١١٥ "Албатта Аллоҳ кушоишгару доно аст". (Сураи Бақара, ояти: 115)




## ал-Алим, ал-Олим, Аллом-ул-ғуюб ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки илми Ӯ ошкорҳо ва пинҳонҳо ва розҳову эълонро фаро гирифта аст, пас бар Ӯ ягон чиз пӯшида намемонад, он чизе, ки буд ва мебошад, медонад.

Исми ал-Алим (157) бор омадааст, аммо исми ал-Олим (13) бор омадааст ва исми Аллом-ул-ғуюб (4) бор омадааст.

Далел: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ وَٰسِعٌ عَلِيمٌ﴾ البقرة: ١١٥ "Албатта Аллоҳ кушоишгару доно аст". (Сураи Бақара, ояти: 115)

﴿عَٰلِمُ ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ﴾ الأنعام: ٧٣ "Донои ғайбу ошкор". (Сураи Анъом, ояти: 73)

﴿إِنَّكَ أَنتَ عَلَّٰمُ ٱلْغُيُوبِ﴾ المائدة: ١٠٩ "Албатта Ту худ донои ғайбҳо ҳастӣ". (Сураи Моида, ояти: 9)




## ал-Малик, ал-Малийк, ал-Молик ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки мулки осмонҳову замин ва касе ки дар онҳост аз они Ӯст, фавқи Ӯ малике нест ва чизе нест, магар поин аз Ӯст, мулки комил аз Ӯст ва дар ҳамаи коинот тасарруф кардан аз они Ӯст ва Ӯ молики ҳамаи чиз аст ва Малийк бар бузургии мулки Ӯ таъоло далолат мекунад.

Исми ал-Малик панҷ бор, аммо исми ал-Малийк як бор ва исми ал-Молик ду бор омадааст.

Далел: ﴿ ٱلۡمَلِكُ ٱلۡقُدُّوسُ ﴾ الحشر: ٢٣ "Подшоҳ, ниҳоят пок". (Сураи Ҳашр, ояти: 23)

﴿ فِي مَقۡعَدِ صِدۡقٍ عِندَ مَلِيكٖ مُّقۡتَدِرِۭ ﴾ القمر: ٥٥ "Дар ҷойгоҳи сидқ (ростӣ) назди фармонравои муқтадир". (Сураи Қамар, ояти: 55)

﴿ قُلِ ٱللَّهُمَّ مَٰلِكَ ٱلۡمُلۡكِ ﴾ آل عمران: ٢٦ "Бигӯ: Эй Аллоҳ, дорандаи мулк". (сураи Оли Имрон, ояти: 26)




## ал-Ҳамид ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Дар ҳамаи кирдор, гуфтор, сифатҳо, номҳо, шаръ ва тақдираш ситудашуда аст. Ба ҳар ҳол ҳамду ситоиш карда мешавад ва Ӯ барои сифатҳои комилаш ва эҳсони бисёраш ба сӯи халқ шоистаи ҳамду сано аст.

Дар Қуръон (17) бор омадааст.

Далел: ﴿ إِنَّهُۥ حَمِيدٞ مَّجِيدٞ ﴾ هود: ٧٣ "Ҳамоно Ӯ ситудаи бузургвор аст". (Сураи Ҳуд, ояти: 73)




## ал-Маҷид ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Дорои сифатҳои комили васеъ ва он чизе ки ба онон тааллуқ дорад, бузург ва кирдори Ӯ бузург аст бисёр бахшанда, Ӯро халқаш барои азаматаш мадҳу сано гуфтанд.

Дар Қуръон ду бор омадааст.

Далел: ﴿إِنَّهُۥ حَمِيدٌ مَّجِيدٌ﴾ هود: ٧٣ "Ҳамоно Ӯ ситудаи бузургвор аст". (Сураи Ҳуд, ояти: 73)




## ал-Хабир ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки илми Ӯ ба иҳотаи чизҳои пинҳон ва пӯшида тамом мешавад, ҳамчуноне ки чизҳои ошкорро иҳота намудааст.

Дар Қуръон (45) бор омадааст.

Далел: ﴿قَالَ نَبَّأَنِيَ ٱلْعَلِيمُ ٱلْخَبِيرُ﴾ التحريم: ٣ "Гуфт: (Аллоҳи) донои огоҳ маро хабар дода аст". (Сураи Таҳрим, ояти: 3)




## ал-Қавӣ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ӯ касест, ки барои Ӯ қувват ва қудрати пурра аст, Ӯро касе ғолиб намеояд ва ҳукми Ӯро касе гардонда наметавонад, амру ҳукми Ӯ дар халқаш мегузарад. Ӯ бандагони мӯъминашро нусрат медиҳад, азоби Ӯ барои касе ки ба оятҳои Ӯ кофир шуда ва ягонагии Ӯро инкор кардааст, сахт мебошад.

Дар Қуръон нуҳ бор омадааст.

Далел: ﴿ وَهُوَ ٱلۡقَوِيُّ ٱلۡعَزِيزُ ﴾ الشورى: ١٩ "Ва Ӯ Боқувввату ғолиб аст". (Сураи Шуро, ояти: 19)




## ал- Матин ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Сахт боқувват, ки қуввати Ӯ қатъ намешавад ва Ӯро дар корҳояш машаққат ва хастагӣ намерасад.

Дар Қуръон як бор омадааст.

Далел: ﴿ ذُو ٱلۡقُوَّةِ ٱلۡمَتِينُ ٥٨ ﴾ "( Ва Ӯ ) қудратманди устувор аст". (Сураи Зориёт: ояти 58)




## ал-Азиз ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Боқувват, ғолиб, бузург, дорои мартабаи олӣ, ҳамаи маҳлуқотро ғолибу хоркунанда аст ва барои Ӯ ва қувваташ ҳамаи махлуқҳо сар фурӯ овардаанд.

Дар Қуръон (92) бор омадааст.

Далел: ﴿وَٱعۡلَمۡ أَنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٌ﴾ البقرة: ٢٦٠ " Ва бидон, ки Аллоҳ тавонманди ҳаким аст". (Сураи Бақара:ояти 260)




## ал-Қоҳир,  ал- Қаҳҳор ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ӯ касест, ки гарданҳо барояш хамшуда ва мутакаббирон хоршуда ва чеҳраҳо дар баробари Ӯ фурутаншуда ва ҳамаи чизро ғолиб омада ва халқҳо ба Ӯ зердаст шуданд ва барои азамат, бузургӣ ва кибрёии Ӯ фурутан  гаштанд.

Исми ал-Қоҳир дар Қуръон ду бор омада, аммо исми ал-Қаҳҳор шаш бор омада аст.

Далел: ﴿ وَهُوَ ٱلۡوَٰحِدُ ٱلۡقَهَّٰرُ ١٦ ﴾ " Ва Ӯ ягонаи бисёр ғолиб аст". (Сураи Раъд: ояти 16)

﴿ وَهُوَ ٱلۡقَاهِرُ فَوۡقَ عِبَادِهِۦ ﴾ " Ва Ӯст, ки бар бандагони худ, ғолиб аст". (Сураи Анъом: ояти 18)




## ал-Қодир, ал-Қадир, ал-Муқтадир ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Бар ҳамаи чизе, ки мехоҳад тавоност, пас Ӯро чизе ки дар замину осмон аст, оҷиз намегардонад ва ал-Муқтадир дар васф намудан ба қудрат муболаға кардан аст ва ал-Қадир дорои қудрати комил аст.

Исми ал-Қадир (12) бор, исми ал-Қодир (45) бор ва исми ал-Муқтадир (4) бор омадааст.

Далел: ﴿ قُلۡ هُوَ ٱلۡقَادِرُ عَلَىٰٓ أَن يَبۡعَثَ عَلَيۡكُمۡ عَذَابٗا مِّن فَوۡقِكُمۡ أَوۡ مِن تَحۡتِ أَرۡجُلِكُمۡ ﴾ الأنعام: ٦٥ "Бигӯ: Ӯ қодир аст бар ин ки азобе аз болои (саратон), ё аз зери поятон бар шумо бифиристад". (Сураи Анъом, ояти: 65)

﴿ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٌ ﴾ الروم: ٥٠ "Ва Ӯ бар ҳамаи чиз тавоност". (Сураи Рум, ояти: 50)

﴿ فِي مَقۡعَدِ صِدۡقٍ عِندَ مَلِيكٖ مُّقۡتَدِرِۭ ﴾ القمر: ٥٥ "Дар ҷойгоҳи ростӣ назди фармонравои муқтадир". (Сураи Қамар, ояти: 55)




## ал-Ҷаббор ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ӯст олӣ, бартар, бисёр ғолиб, ки хостаи Ӯ дар халқаш нуфуз мекунад ва Ӯст бисёр меҳрубону ҷубронкунандаи дилҳои шикаста ва барои каси заифи нотавон ва барои касе ки ба Ӯ паноҳ бурдааст.

Як бор дар Қуръон омадааст.

Далел: ﴿ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡجَبَّارُ ٱلۡمُتَكَبِّرُۚ﴾ الحشر: ٢٣ "Пирӯзманд, Ҷаббор (ҷубронкунанда) ва шоистаи азамат ва бузургӣ аст". (Сураи Ҳашр, ояти: 23)




## ал-Холиқ, ал-Халлоқ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Холиқ касест, ки халқро эҷод карда, онро бемисоли собиқ ихтироъ кардааст ва ал-Халлоқ бар бисёрии халқи Аллоҳ таъоло ва эҷоди Ӯ ва камоли Ӯ дар офариниш далолат мекунад.

Исми ал-Холиқ (8) бор, аммо исми ал-Халлоқ ду бор омада аст.

Далел: ﴿ هُوَ ٱللَّهُ ٱلۡخَٰلِقُ ٱلۡبَارِئُ ٱلۡمُصَوِّرُ ﴾ الحشر: ٢٤ "Ӯ Аллоҳ аст, холиқ, навофарин, нақшбанд". (Сураи Ҳашр, ояти: 24)

﴿ إِنَّ رَبَّكَ هُوَ ٱلۡخَلَّٰقُ ٱلۡعَلِيمُ ﴾ الحجر: ٨٦ "Бегумон Парвардигори ту, ҳамон офаринандаи доност". (Сураи Ҳиҷр, ояти: 86)




## ал-Борӣ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Аз олами нестӣ пайдокунанда ва офариш ҳамон амалӣ кардан ва ошкор кардани он чизеро, ки тақдир ва муқаррар карда аст ба сӯи олами ҳастӣ бар сифати муайяне мебошад.

Дар Қуръон се бор омада аст.

Далел: ﴿ هُوَ ٱللَّهُ ٱلۡخَٰلِقُ ٱلۡبَارِئُ ٱلۡمُصَوِّرُ ﴾ الحشر: ٢٤ "Ӯ Аллоҳ аст, холиқ, навофарин, нақшбанд". (Сураи Ҳашр, ояти: 24)




## ал-Мусаввир ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ӯ касест, ки пайдо кардани он чизеро, ки мехоҳад, ба сифате, ки мехоҳад иҷро ва амалӣ мекунад. Ӯ касест, ки халқашро бар суратҳое, ки онро ба тақозои ҳикматаш хостааст, қарор дода аст.

Як бор дар Қуръон омадааст.

Далел: ﴿ هُوَ ٱللَّهُ ٱلۡخَٰلِقُ ٱلۡبَارِئُ ٱلۡمُصَوِّرُ ﴾ الحشر: ٢٤ "Ӯ Аллоҳ аст, холиқ, навофарин, нақшбанд". (Сураи Ҳашр, ояти: 24)



## ал-Муҳаймин ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ӯст қоим бар амалҳо, ризқҳо ва аҷалҳои халқаш, ҳоли халқашро медонад ва Ӯ бар онҳо қодир, ҳифзкунандаи онон, ононро ба илм иҳотакунанда аст.

Дар Қуръон як бор омадааст.

Далел: الحشر: ٢٣ ﴿ٱلسَّلَٰمُ ٱلۡمُؤۡمِنُ ٱلۡمُهَيۡمِنُ﴾ "Солим (аз ҳар айб), эминидиҳанда, нигаҳбон". (Сураи Ҳашр, ояти: 23)




## ал-Ҳофиз, ал-Ҳафиз ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ӯ касест, ки осмонҳо ва замин ва он чизе ва касе, ки дар он аст, ҳифз мекунад ва бар халқ амалҳояшонро ҳифз мекунад ва бандагони мӯъминашро аз ҳалокатҳо, шайтонҳо ва аз воқеъ шудани дар гуноҳҳо ҳифз мекунад.

Исми ал-Ҳофиз се бор ва инчунин исми ал-Ҳафиз се бор омада аст.

Далел: ﴿فَٱللَّهُ خَيۡرٌ حَٰفِظٗا﴾ يوسف: ٦٤ "Пас Аллоҳ беҳтарин нигаҳбон аст". (Сураи Юсуф, ояти: 64)

﴿إِنَّ رَبِّي عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٍ حَفِيظٞ ٥٧﴾ هود: ٥٧ "Бегумон Парвардигорам бар ҳамаи чиз нигаҳбон аст". (Сураи Ҳуд, ояти: 57)




## ал-Валӣ, ал-Мавло ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: (ал-Валӣ) ёридиҳанда ва сарпараст ва қоим ба амр ва Аллоҳ-мартабаи Ӯ бузург аст-мавлои ҳамаи халқ аст, ба маънои ин ки Ӯ сайид, молик, холиқ, ризқдиҳанда ва маъбуди барҳаққи онон аст ва мавлои мӯъминон ба вилояти хосс аст, аз рӯи муҳаббат ва тавфиқу нусрат додан, мебошад.

Исми ал-Валӣ (15) бор, аммо исми ал-Мавло (12) бор омада аст.

Далел: ﴿ وَهُوَ ٱلۡوَلِيُّ ٱلۡحَمِيدُ ٢٨ ﴾ الشورى: ٢٨ "Ва Ӯ корсозӣ ситуда аст". (Сураи Шуро, ояти: 28)

﴿ نِعۡمَ ٱلۡمَوۡلَىٰ وَنِعۡمَ ٱلنَّصِيرُ ٤٠ ﴾ الأنفال: ٤٠ "Чи некӯ сарпараст ва чи некӯ ёваре аст". (Сураи Анфол, ояти: 40)




## ан-Насир, Хайр-ун-носирин ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ӯ касест, ки кадоме аз бандагони мӯъминашро бихоҳад нусрат медиҳад ва касеро нусрат дод, ҳеҷ кас бар ӯ ғолиб намеояд ва касеро хор кард, ҳеҷ ёридиҳандае барои ӯ намебошад.

Исми ан-Насир чор бор, аммо исми Хайр-ун-носирин як бор омада аст.

Далел: ﴿ نِعۡمَ ٱلۡمَوۡلَىٰ وَنِعۡمَ ٱلنَّصِيرُ ٤٠ ﴾ الأنفال: ٤٠ "Чи некӯ сарпараст ва чи некӯ ёваре аст". (Сураи Анфол, ояти: 40)

﴿ وَهُوَ خَيۡرُ ٱلنَّٰصِرِينَ ١٥٠ ﴾ آل عمران: ١٥٠ "Ва Ӯ беҳтарини ёридиҳандагон аст". (Сураи Оли Имрон, ояти: 150)




## ал-Вакил, ал-Кафил ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: ал-Вакил ҳамон сарпараст барои идораи ҳамаи халқаш, кафолатдиҳанда ба ризқҳо ва ҳоҷатҳои онон ва Ӯ барои касе ки ба Ӯ паноҳ мебарад, кофӣ аст ва дӯстонашро сарпарстӣ мекунад, пас ононро барои ( роҳи ) осон тафвиқ медиҳад ва аз (роҳи) душвор дӯр месозад ва умури онҳоро кифоягӣ мекунад. Ва (ал-Кафил ) яъне шоҳид ва гуфта мешавад: Ҳифзкунанда. Ва гуфта мешавад: Зомин (замонатдеҳ).

Исми ал-Вакил дар Қуръон (14) бор, аммо исми ал-Кафил як бор омада аст.

Далел: النساء: ٨١ ﴿وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ وَكِيلًا ٨١﴾ "Ва Ӯ ёрӯ дифоъкунандаи ту бошад, кофӣ аст". (Сураи Нисо, ояти: 81)

﴿وَقَدۡ جَعَلۡتُمُ ٱللَّهَ عَلَيۡكُمۡ كَفِيلًاۚ ٩١﴾ النحل: ٩١

"Ва дар ҳоле ки шумо Аллоҳро кафил (ва зомин) бар худ қарор додаед". ( Сураи Наҳл: ояти 91)




## ал-Кофӣ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Кофӣ будани Ӯ субҳонаҳу барои ҳамаи бандагонаш дар ризқи онон ва идораи умури онон ва ислоҳи корҳои онон ва кофӣ будани Ӯ барои дӯстони мӯъминаш ва риоя ва қувват додани онон аст.

Дар Қуръон як бор омадааст.

Далел: ﴿ أَلَيْسَ ٱللَّهُ بِكَافٍ عَبْدَهُۥ ﴾ الزمر: ٣٦ "Оё Аллоҳ барои бандааш кофӣ нест?! ". ( Сураи Зумар: ояти 36)




## Ас-Самад ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ӯст сарвар, ки дар сарварии комил аст, Ӯро халқ қасд мекунанд ва дар қазои ҳоҷатҳояшон ва он чизе ки ба онон фурӯ меояд ба сӯи Ӯ рӯй меоранд ва Ӯро дилҳо аз рӯи рағбат ва раҳбат қасд мекунанд.

Як бор дар Қуръон омада аст.

Далел: ﴿ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ﴾ الإخلاص: ٢ "Аллоҳ бениёз аст" (Сураи Ихлос: ояти 2)




## ар-Раззоқ, ар-Розиқ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Кафили ризқи ом барои ҳамаи махлуқҳо ва ризқи хос ба бандагони мӯъминаш. Ризқи хос ҳамон имон доштан ба Ӯ субҳонаҳу ва илми нофеъ ва ризқи ҳалол мебошад. Ва Раззоқ бар бисёрии ризқи Ӯ барои халқаш далолат мекунад.

Исми (ар-Розиқ) панҷ бор, аммо исми (ар-Раззоқ) як бор омада аст.

Далел: ﴿وَٱرۡزُقۡنَا وَأَنتَ خَيۡرُ ٱلرَّٰزِقِينَ ١١٤﴾ المائدة: ١١٤ "Ва ба мо рӯзӣ деҳ, ки Ту беҳтарини рӯзидиҳандагонӣ". (Сураи Моида: ояти 114)

﴿إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلرَّزَّاقُ ذُو ٱلۡقُوَّةِ ٱلۡمَتِينُ ٥٨﴾ الذاريات: ٥٨ " Бегумон Аллоҳ аст, ки рӯзидиҳанда аст (ва Ӯ) қудратманди устувор аст". (Сураи Зориёт, ояти 58)




## ал-Фаттоҳ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Довар дар миёни бандагонаш, ки дарҳои ризқ ва раҳматро барои онон мекушояд.

Як бор дар қуръон омада аст.

Далел: ﴿ وَهُوَ ٱلۡفَتَّاحُ ٱلۡعَلِيمُ ٢٦ ﴾ سبأ: ٢٦ "Ва Ӯ довари доност". (Сураи Сабо, ояти: 26)




## ал-Мубин ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Амри Ӯ дар ҳастӣ ва ягонагияш ба ошкор будани далелҳо бар он, баёну возеҳ аст. Ва Ӯст, ки ҳақро барои халқ ошкор ва баён месозад.

Як бор дар Қуръон омадааст.

Далел: ﴿وَيَعۡلَمُونَ أَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡحَقُّ ٱلۡمُبِينُ ٢٥﴾ النور: ٢٥ "Ва медонанд, ки Аллоҳ ҳамон ҳаққу ошкор аст". (Сураи Нур, ояти: 25)




## ал-Ҳодӣ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ӯ касест, ки ба халқ маърифат ва парвардигориашро илҳом карда ва ононро ба сӯи маслиҳатҳо ва касби ризқашон роҳнамоӣ кардааст. Ва Ӯ касест, ки халқро бар роҳи хайр ва шарр далолат карда ва касе аз ононро хоҳад ба сӯи роҳи росташ ҳидояти тавфиқ ва илҳом менамояд.

Дар Қуръон ду бор омада аст.

Далел: ﴿ وَكَفَىٰ بِرَبِّكَ هَادِيًا وَنَصِيرًا ﴿٣١﴾ ﴾ الفرقان: ٣١ "Ва Парвардигори Ту барои роҳнамоӣ ва ёрии (Ту) кофӣ аст". (Сураи Фурқон, ояти: 31)




## ал-Ҳакам, Хайр-ул-ҳокимин ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ӯ касест, ки дар миёни бандагонаш дар дунё ва охират ба адлаш, дар шаръаш ва тақдираш ва ҷазо доданаш доварӣ мекунад.

Исми ал-Ҳаким як бор, аммо исми Хайр-ул-ҳокимин панҷ бор омадааст.

Далел: ﴿ أَفَغَيۡرَ ٱللَّهِ أَبۡتَغِي حَكَمٗا ﴾ الأنعام: ١١٤ "(Эй Паёмбар бигӯ): Оё ғайри Аллоҳро ба доварӣ талаб кунам?". (Сураи Анъом, ояти: 114)

﴿وَهُوَ خَيۡرُ ٱلۡحَٰكِمِينَ ١٠٩﴾ يونس: ١٠٩ "Ва Ӯ беҳтарини ҳукмкунандагон аст". (Сураи Юнус, ояти: 109)




## ар-Рауф ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Дорои (раъфат) меҳрубонии зиёд ва он болотарини маъноҳои раҳмат аст ва раъфат ом аст барои ҳамаи халқ дар дунё ва барои баъзеашон дар охират.

Даҳ бор дар Қуръон омадааст.

Далел: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ بِٱلنَّاسِ لَرَءُوفٞ رَّحِيمٞ ١٤٣﴾ البقرة: ١٤٣ "Ҳамоно Аллоҳ нисбат ба мардум рауфу меҳрубон аст". (Сураи Бақара, ояти: 143)




## ал-Вадуд ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки анбиё ва расулонаш ва пайравони ононро дӯст медорад ва онон Ӯро дӯст медоранд ва Ӯ маҳбубест, ки шоиста аст, ки дар назди банда аз худаш, фарзандаш ва ҳамаи маҳбубҳояш дӯсдоштатар бошад.

Дар Қуръон ду бор омада аст.

Далел: ﴿إِنَّ رَبِّي رَحِيمٌ وَدُودٌ ٩٠﴾ هود: ٩٠ "Ҳамоно Парвардигорам меҳрубону дӯстдор аст". (Сураи Ҳуд, ояти: 90)




## ал–Барру ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Бахшандаи неъматҳои зоҳирӣ ва ботинӣ ( дарунӣ), пас махлуқ як лаҳзае аз эҳсону некӯи Ӯ бениёз намебошад, аҷру савоби некӯкорони мусалмононро дučанд мебахшад ва аз бадкори онон авф ва гузашт мекунад. Ва Ӯ дар ваъдааш содиқ аст.

Як бор дар Қуръон омада аст.

Далел: ﴿إِنَّهُۥ هُوَ ٱلۡبَرُّ ٱلرَّحِيمُ ٢٨﴾ الطور: ٢٨ "Бегумон Ӯ некӯкору меҳрубон аст". (Сураи Тур, ояти 28)




## ал-Ҳалим ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Бурдбор, бар уқубати бандагонаш дар муқобили гуноҳҳояшон шитоб намекунад ва ба онҳо мухлат медиҳад, то аз гуноҳ бозгарданду тавба кунанд ва Ӯ бар ҷазо додани онон тавоно аст .

Дар Қуръон (11) бор омада аст.

Далел: ﴿ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ حَلِيمٌ ﴿١٥٥﴾ ﴾ آل عمران: ١٥٥ "Бегумон Аллоҳ омурзандаи бурдбор  аст. (Сураи Оли Имрон, ояти: 155)




## ал-Ғафур, ал-Ғаффор, Ғофир-уз-занб ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки гуноҳонро мебахшад ва тавбаи касеро, ки тавба мекунад, мепазирад. Гуноҳҳои бандагонашро мепӯшонад ва бар онон пардаи лутфу бисёр меҳрубонияшро рӯйпӯш мекунад. Ва (ал- Ғаффор) (сиғаи муболаға аст) бар бисёрии мағфирати Ӯ далолат мекунад.

Исми ал-Ғафур (91) бор, аммо исми ал-Ғаффор панҷ бор ва исми Ғофир–уз-занб як бор омада аст.

Далел: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ ٥﴾ الشورى: ٥ "Ҳамоно Аллоҳ омурзандаи меҳрубон аст". (Сураи Шуро, ояти: 5)

﴿هُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡغَفَّٰرُ ٥﴾ الزمر: ٥ "Ӯ пирӯзманди омурзанда аст". (Сураи Зумар, ояти: 5)

﴿غَافِرِ ٱلذَّنۢبِ وَقَابِلِ ٱلتَّوۡبِ﴾ غافر: ٣ "Омурзандаи гуноҳ ва пазирандаи тавба". (Сураи Ғофир, ояти: 3)




## ал-Афув ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте ки гуноҳонро авф мекунанд ва аз онҳо мегузарад. Ва Ӯ зотест, ки Ӯро авфи шомил аст, ки гуноҳҳое ки аз бандагонаш содир мешавад, фаро мегирад ва хоссатан вақте ки ба муҷиби авф аз тавҳиди холис, ё тавба, ё истиғфор, ё амали накӯ биёяд.

Дар Қуръон панҷ бор омада аст.

Далел: ﴿ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَفُوًّا غَفُورًا ﴿٤٣﴾ ﴾ النساء: ٤٣ "Бегумон Аллоҳ бахшандаи омурзанда аст". (Сураи Нисо, ояти: 43)




## ат-Таввоб ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ӯ зотест, ки ба касе хоҳад бозгаштан ва тавба кардан ва бар Ӯ баъди маъсият рӯ оварданро рӯзӣ медиҳад ва инро аз онон мепазирад ва авф мекунад ва мебахшад.

Дар Қуръон (11) бор омада аст.

Далел: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ تَوَّابٌ رَّحِيمٌ ١٢﴾ الحجرات: ١٢ "Албатта Аллоҳ тавба пазиру меҳрубон аст". (Сураи Ҳуҷурот, ояти 12)




## ал-Карим, ал-Акрам ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Карим яъне хайри бисёру фоидаи бузургоранда, зоте ки бемуқобил эҳсон мекунад. Ва Акрам бисёр хайркун, ки бо ӯ карим баробар намешавад.

Исми Карим се бор омада, аммо исми Акрам як бор омада аст.

Далел: الانفطار: ٦ ﴿ مَا غَرَّكَ بِرَبِّكَ ٱلۡكَرِيمِ ٦ ﴾ "Чӣ туро (нисбат) ба Парвардигори каримат мағрур сохта аст?". (Сураи Инфитор, ояти: 6)

العلق: ٣ ﴿ ٱقۡرَأۡ وَرَبُّكَ ٱلۡأَكۡرَمُ ٣ ﴾ "Бихон ва Парвардигорат каримтар (бузургвортар) аст". ( Сураи Алақ, ояти: 3)




## аш-Шокир, аш-Шакур ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте ки ба андак тоат шукр мекунад, пас бар он савоби бисёр медиҳад ва неъмати фаровон ато мекунад, пас ба андак шукр розӣ мешавад.

Исми аш-Шокир ду бор, аммо исми аш-Шакур чор бор омада аст.

Далел: التغابن: ١٧ ﴿ وَٱللَّهُ شَكُورٌ حَلِيمٌ ﴿١٧﴾ ﴾ "Ва Аллоҳ қадршиносу бурдбор аст". (Сураи Тағобун, ояти 17)

البقرة: ١٥٨ ﴿ فَإِنَّ ٱللَّهَ شَاكِرٌ عَلِيمٌ ﴿١٥٨﴾ ﴾ "Пас ба дурусти ки Аллоҳ сипосгузорӣ доност". (Сураи Бақара, ояти 158)




## ас-Самиъ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте ки шунавоии ӯ ҳамаи сир ва сӯҳбати пинҳониро фаро гирифта аст, зоте ки гуфтори бандагонаш ва ба он чизе ки халқаш ҳарф мезанад, мешунавад, пас бар Ӯ чизе пӯшида намемонад ва Ӯ шунавоест, ки соилонро иҷобат мекунад.

Дар Қуръон (45) бор омада аст.

Далел: ﴿ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ١١ ﴾ الشورى: ١١ "Ва Ӯ шунаво ва биност". (Сураи Шуро, ояти: 11)




## ал-Басир ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте ки биноии Ӯ ҳамаи дидашудаҳоро фаро гирифта ҳар қадар пинҳон ва хӯрд бошад, ба чизҳо огоҳ ва мутталиъ аст.

Дар Қуръон (42) бор омада аст.

Далел: ﴿ إِنَّهُۥ بِعِبَادِهِۦ خَبِيرُۢ بَصِيرٞ ٢٧ ﴾ الشورى: ٢٧ "Бегумон Ӯ ба бандагонаш доной биност". (Сураи Шуро, ояти: 27)




## аш-Шаҳид ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте ки аз Ӯ чизе ғоиб намешавад ва аз Ӯ вазни заррае дар замин пӯшида намемонад ва на дар осмон, балки, Ӯ бар ҳамаи чиз иттилоъ дорад, онро мушоҳида мекунад, ба тафсилҳои он доност.

Дар Қуръон (18) бор омада аст.

Далел: النساء: ١٦٦ ﴿وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ شَهِيدًا ١٦٦﴾ "Ва гувоҳии Аллоҳ кофӣ аст". ( Сураи Нисо, ояти: 166)




## ар-Рақиб ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ҳифзкунандае, ки аз Ӯ чизе ғоиб намешавад, Зоте ки шунавоияш чизҳои мешунавидашударо ва бинояш чизҳои медиданиро фаро гирифтааст ва илми Ӯ ҳамаи чизро фаро гирифта, пас бар Ӯ пӯшидае пинҳон намемонад.

Дар Қуръон се бор омада аст.

Далел: ﴿وَكَانَ ٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ رَّقِيبٗا ٥٢﴾ الأحزاب: ٥٢ "Ва Аллоҳ бар ҳамаи чиз нигаҳбон аст". (Сураи Аҳзоб, ояти: 52)




## ал-Қариб ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ба ҳар як нафар ба илм ва иҳотааш қариб аст ва ба парастандагонаш, соилонаш ва дӯстдоронаш ба нусрату қувват додан ва дуои онОнро иҷобат кардан қариб аст.

Дар Қуръон се бор омадааст.

Далел: ﴿ وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ ﴾ البقرة: ١٨٦ "Ва ҳаргоҳ бандагонам аз ту дар бораи Ман бипурсанд, бигӯ: Ба ростӣ Ман қарибам". (Сураи Бақара, ояти: 186)




## ал-Муҷиб ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте ки дар муқобили дуо ва суол ато, қабул ва истиҷобат мекунад, субҳонаҳу ва таъоло.

Дар Қуръон як бор омадааст.

Далел: ﴿إِنَّ رَبِّي قَرِيبٌ مُّجِيبٌ ٦١﴾ هود: ٦١ "Ҳамоно Парвардигорам наздику иҷобаткунанда аст". (Сураи Ҳуд, ояти: 61)




## ал-Муҳит ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки аз илми Ӯ чизе пӯшида намемонад ва ҳамаи чизро ба илм иҳота намудааст ва адади ҳар чизро шумоaccess ридааст.

Дар Қуръон (8) бор омадааст.

Далел: ﴿أَلَآ إِنَّهُمۡ فِي مِرۡيَةٖ مِّن لِّقَآءِ رَبِّهِمۡۗ أَلَآ إِنَّهُۥ بِكُلِّ شَيۡءٖ مُّحِيطُۢ ٥٤﴾ فصلت: ٥٤ "Огоҳ бош, ки онҳо аз лиқои Парвардигорашон дар шакканд ва огоҳ бош, ки Ӯ ба ҳамаи чиз иҳота дорад". (Сураи Фуссилат, ояти: 54)




## ал-Ҳасиб ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Таваккулкунандагонро кофӣ аст, ба ҳоли бандагонаш доност, амалҳои ононро ҳифз мекунад ва онҳоро ба муқтазои ҳикмат ва илмаш ҷазо медиҳад ва Ӯ мӯъминонро кофӣ ва басанда аст.

Дар Қуръон се бор омадааст.

Далел: ﴿وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ حَسِيبًا ٦﴾ النساء: ٦ "Ва Аллоҳ барои муҳосаба кофӣ аст". (Сураи Нисо, ояти: 6)




## ал-Ғанӣ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ба зоти худаш ғанӣ аст, ки ба касе дар ягон чиз мӯҳтоҷ намебошад ва ҳар нафар мӯҳтоҷ ва фақир ба сӯи Ӯст.

Дар Қуръон (18) бор омадааст.

Далел: ﴿ سُبۡحَٰنَهُۥۖ هُوَ ٱلۡغَنِيُّۖ ﴾ يونس: ٦٨ "Ӯ поку муназзаҳ аст, Ӯ бениёз аст". (Сураи Юнус, ояти: 68)




## ал-Ваҳҳоб ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте, ки ҷуду карамаш халқро фаро гирифтааст, барои касе чизе бихоҳад, мебахшад. Ва аз ҷумлаи ин ҳидоят, ризқ ва шифо аст.

Дар Қуръон се бор омадааст.

Далел: ﴿ أَمۡ عِندَهُمۡ خَزَآئِنُ رَحۡمَةِ رَبِّكَ ٱلۡعَزِيزِ ٱلۡوَهَّابِ ٩ ﴾ ص: ٩ "Ё ин ки хазинаҳои раҳмати Парвардигори пирӯзманди бахшандаат назди онҳост". (Сураи Сод, ояти: 9)




## ал-Муқит ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Тавоно ва атокунандаи ғизо, пас Муқит субҳонаҳу ҳоҷати халқҳоро ба илмаш тақдир мекунад, сипас ба сӯи онҳо ба қудраташ равон мекунад, то ба он онҳоро ғизо медиҳад ва ҳифз мекунад.

Дар Қуръон як бор омадааст.

Далел: ﴿وَكَانَ ٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ مُّقِيتٗا ٨٥﴾ النساء: ٨٥ "Ва Аллоҳ нигаҳбон ба ҳамаи чиз аст". (Сураи Нисо, ояти: 85)




## ал-Қобиз, ал-Босит ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Қабзкунандаи ризқҳо, рӯҳҳо ва нафсҳо ва паҳнкунандаи ризқҳо, раҳмат ва қалбҳост ва дастҳояшро барои тавбаи мӯъминон паҳнкунанда аст.

Ин ду исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадаанд.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Албатта Аллоҳ ҳамон қимматгузор, қабзкуну паҳнкунанда аст"**. (Ривояти Тирмизӣ)




## ал-Муқаддим, ал-Муаххир ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ашёро дар манзилҳояшон нозилкунанда, чизе аз онро мехоҳад, тақдим мекунад ва чизеро хоҳад ба ҳикмату адлаш ба таъхир меандозад. Тақдирҳоро пеш аз офаридани халқ тақдир карда ва касеро хост ба тавфиқ додан ба сӯи мақомҳои собиқон тақдим кард ва касеро хост ба ҳикмат ва адлаш ба таъхир андохт, он чизеро ба таъхир андохт, онро тақдимкунандае нест ва он чизеро тақдим кард, онро ба таъхир андозандае нест.

Дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадаанд.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Ту тақдимкунанда ва Ту ба таъхир андозандаӣ"**. (Бухорӣ)




## ар-Рафиқ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Дар офаринишаш ва шаръаш ва ҷазо доданаш рафиқ (нарм) аст. Халқро офарид ва ба тадриҷ, андак-андак ба мувофиқи ҳикматаш ва бар ваҷҳи фарохӣ ва осонӣ ва бар муносибати бандагон аҳкомро содир намуд. Ва Ӯ зотест, ки бо бандагон ба нармӣ ва мулоимӣ муомала мекунад.

Ин исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Ҳамоно Аллоҳ рафиқ (меҳрубон) аст, аҳли рифқро дӯст медорад ва ҳамоно Аллоҳ бар рифқ (нармӣ) ато мекунад он чиро, ки бар унф (дуруштӣ) ато намекунад"**. (Ривояти Аҳмад)




## ал-Маннон ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Касе, ки пеш аз суол кардан ато мекунад, бар бандагонаш ба эҳсон ва неъмат доданаш ва бар авлиёаш ба ҳидоят, тавфиқ ва имон миннат мекунад.

Ин исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Эй Аллоҳ, ман аз Ту суол мекунам ба ин ки ҳамду ситоиш аз они Туст, нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Ту, ки маннон ҳастӣ"**.

(Ривояти Тирмизӣ ва Абӯдовуд)




## ал-Ҷавод ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Зоте ки ҳамаи махлуқотро ба атояш фарогирифта ва аз фазлу карам ва неъматҳои гуногунаш онҳоро пур сохта аст ва бандагони мӯъминашро ба анвоъи аз бахшиш дар дунё ва охират хос гардонда аст.

Ин исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Ҳамоно Аллоҳ таъоло бисёр бахшанда аст, бахшандагиро дӯст медорад"**. (Ҳулият-ул-авлиё)




## ал-Муҳсин ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Лутфу марҳаматкуне, ки неъматҳои бисёреро, ки шуморида намешавад, ато мекунад. Ва Ӯ зотест, ки офариниши ҳамаи чизро ба эҷод, имдод ва ҳидоят нек офарида аст.

Ин исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"...пас ҳамоно Аллоҳ эҳсонкунанда аст, эҳсонро дӯст медорад"**. ("Комил"-и Ибни Адӣ)




## ас-Ситтир ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Сатркуне, ки бар бандагонаш бисёрро мепӯшонад ва дар машҳадҳо онҳоро расво намекунад, инчунин аз бандагонаш сатр кардан бар худашон ва аз он чи онҳоро бадном мекунад, дӯр шуданро дӯст медорад.

Ин исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Ҳамоно Аллоҳ азза ва ҷалла боҳаёву бисёр сатркунанда аст"**.

(Ривояти Абӯдовуд ва Насоӣ)




## ад-Дайён ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ҳокиму қозие, ки мардумро ба амалҳояшон ҷазо медиҳад.

Дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Сипас онҳоро ба овозе нидо мекунад, онро касе ки дӯр аст, ҳамонанди касе ки қариб аст, мешунавад: Ман Малик ҳастам, Ман Дайён ҳастам..."**. (Ривояти Ҳоким)




## аш-Шофӣ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Дар ҳақиқат ба бемориҳои баданҳо, дилҳо ва давоҳои онҳо олим аст ва ба ягонагиаш бар дӯр кардани он тавоност, шифое ҷуз шифои Ӯ нест, зарарро дӯр намекунад, магар Ӯ субҳонаҳу ва шариати Ӯ шифо ва илоҷ барои башарият аст.

Дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Тарсро бибар, Парвардигори мардум, шифо деҳ ва Ту шифодиҳанда ҳастӣ!"**. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)




## ас-Сайид ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Молики халқ ва ҳамаи халқ бандагони Ӯст, ки ба сӯи Ӯ бозмегарданд ва ба амри Ӯ амал мекунанд ва аз қавли Ӯ содир мешаванд.

Ин исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳ-ҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Сайид Аллоҳ аст"**. (Ривояти Аҳмад)




## ал-Витр ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Яккаву фарде, ки Ӯро шарику назир нест.

Ин исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Ва Ӯ витр аст, витрро дӯст медорад"**. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)




## ал-Ҳайй̄ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Ҳаёи Ӯ таъоло васфест, ки лоиқи Ӯст, монанди ҳаёи махлуқҳо нест, балки он ҳаёи карам, некӣ, бахшандагӣ ва ҷалол аст.

Ин исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Албатта Аллоҳ азза ва ҷалла бисёр боҳаёву сатркун аст, ҳаё ва сатрро дӯст медорад..."**. (Ривояти Абӯдовуд ва Насоӣ)




## ат-Тайиб ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Аз ноқисиҳо поку муназзаҳ аст, пас Ӯ ва феълҳои Ӯ пок аст ва сифатҳои Ӯ поктарини сифатҳо ва номҳои Ӯ поктарини номҳост, поконро дӯст медорад ва танҳо чизи покро қабул мекунад.

Ин исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Эй мардум, ҳамоно Аллоҳ тайиб (пок) аст ва танҳо чизи покро қабул мекунад"**. (Ривояти Муслим)




## ал-Мӯътӣ ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Аллоҳ субҳонаҳу дар ҳақиқат ҳамон атокунанда аст, барои он чизе ки ато мекунад, монеъе нест ва он чизеро, ки манъ мекунад, атокунандае нест ва атои Ӯ субҳонаҳу васеъ аст, барои он ҳудуд ва қайдҳо вуҷуд надорад.

Ин исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳ-ҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **" ...ва Аллоҳ атокунанда ва ман тақсимкунанда ҳастам"**. (Бухорӣ)




## ал-Ҷамил ҷалла ҷалолуҳ

Маъно: Касе ки дорои сифатҳои ҳусн ва эҳсон аст, дар Зоташ ҷамил аст ва ҳамаи номҳо, сифатҳо ва феълҳояш ҷамил аст.

Ин исм дар Қуръони карим наомада ва дар Суннати мутаҳ-ҳара омадааст.

Далел: Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Ҳамоно Аллоҳ ҷамил (зебо) аст, зебогиро дӯст медорад"**. (Муслим)

Тарҷумаи ин рисола ба фазли Аллоҳ дар Мадинаи Мунаввара, соати: 20:00, 14/6/1439 ҳиҷрӣ мувофиқи 1/3/2018 мелодӣ ба поён расид.

✍ Ба қалами: Абӯаҳмади Солиҳ

## ФЕҲРАСТ

Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳ.........................................................5
Ар-Раб.........................................................................6
Ал-Воҳид, ал-Аҳад...........................................................7
Ар-Раҳмон, ар-Раҳим........................................................8
Ал-Ҳай.........................................................................9
Ал-Қайюм.....................................................................10
Ал-Аввал, ал-Охир..........................................................11
Аз-Зоҳир, ал-Ботин.........................................................12
Ал-Ворис.....................................................................13
Ал-Қуддус...................................................................14
Ас-Суббуҳ...................................................................15
Ас-Салом.....................................................................16
Ал-Мӯъмин..................................................................17
Ал-Ҳақ.......................................................................18
Ал-Мутакаббир..............................................................19
Ал-Азим.....................................................................20
Ал-Кабир....................................................................21
Ал-Алӣ, ал-Аъло, ал-Мутаъол.............................................22
Ал-Латиф....................................................................23
Ал-Ҳаким....................................................................24
Ал-Восеъ....................................................................25
Ал-Алим, ал-Олим, Аллом-ул-ғуюб.......................................26
Ал-Малик, ал-Малийк, ал-Молик.........................................27
Ал-Ҳамид....................................................................28
Ал-Маҷид....................................................................29
Ал-Хабир....................................................................30

Ал-Қавӣ..........................................................................................31
Ал-Матин.......................................................................................32
Ал-Азиз..........................................................................................33
Ал-Қоҳир, ал-Қаҳҳор.....................................................................34
Ал-Қодир, ал-Қадир, ал-Муқтадир...............................................35
Ал-Ҷаббор.......................................................................................36
Ал-Холиқ, ал-Халлоқ.....................................................................37
Ал-Борӣ...........................................................................................38
Ал-Мусаввир...................................................................................39
Ал-Муҳаймин..................................................................................40
Ал-Ҳофиз, ал-Ҳафиз......................................................................41
Ал-Валӣ, ал-Мавло.........................................................................42
Ан-Насир, Хайр-ун-носирин...........................................................43
Ал-Вакил, ал-Кафил........................................................................44
Ал-Кофӣ...........................................................................................45
Ас-Самад.........................................................................................46
Ар-Розиқ, ар-Раззоқ.......................................................................47
Ал-Фаттоҳ.......................................................................................48
Ал-Мубин.........................................................................................49
Ал-Ҳодӣ...........................................................................................50
Ал-Ҳакам, Хайр-ул-ҳокимин...........................................................51
Ар-Рауф...........................................................................................52
Ал-Вадуд.........................................................................................53
Ал-Барр...........................................................................................54
Ал-Ҳалим.........................................................................................55
Ал-Ғафур, ал-Ғаффор, Ғофир-уз-занб...........................................56
Ал-Афув...........................................................................................57
Ат-Таввоб........................................................................................58

Ал-Карим, ал-Акрам....................................................................59
Аш-Шокир, аш-Шакур..............................................................60
Ас-Самиъ..................................................................................61
Ал-Басир...................................................................................62
Аш-Шаҳид.................................................................................63
Ар-Рақиб...................................................................................64
Ал-Қариб...................................................................................65
Ал-Муҷиб..................................................................................66
Ал-Муҳит...................................................................................67
Ал-Ҳасиб...................................................................................68
Ал-Ғанӣ.....................................................................................69
Ал-Ваҳҳоб.................................................................................70
Ал-Муқит...................................................................................71
Ал-Қобиз, ал-Босит...................................................................72
Ал-Муқаддим, ал-Муаххир........................................................73
Ар-Рафиқ...................................................................................74
Ал-Маннон................................................................................75
Ал-Ҷавод..................................................................................76
Ал-Муҳсин................................................................................77
Ас-Ситтир..................................................................................78
Ад-Дайён...................................................................................79
Аш-Шофӣ..................................................................................80
Ас-Сайид...................................................................................81
Ал-Витр.....................................................................................82
Ал-Ҳайӣ.....................................................................................83
Ат-Тайиб...................................................................................84
Ал-Мӯътӣ..................................................................................85
Ал-Ҷамил..................................................................................86